# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №_____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.12.2024, протоколи № 93**

Барои сазовор донистани Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи «Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 14-уми сентябри соли 2024, потоколи №83а аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17), ки он дар асоси фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми апрели соли 2024 таҳти № 148/шд тасдиқ гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович 24-уми ноябри соли 1991 дар шаҳри Ҳисор таввалуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз бомуваффақият хатм намудааст.

Тӯли солҳои 2016-2020 дар шуъбаи аспирантураи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ таҳсил намудааст.

Солҳои 2014-2016 ба вазифаи ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур фаъолият намудааст. Аз соли 2016 то соли 2023 ба ҳайси ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, айни замон дар вазифаи муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии донишгоҳи мазкур фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шамсов Илёсҷон Сафарович** - д.и.и., профессори кафедраи системаи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

**Якубзода Маъруф Садруддин** - доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия, дотсенти кафедаи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ш. Душанбе) буда, тақризро ташхисгар мудири кафедраи менеҷменти молиявӣ ва андозбандӣ номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Молия, гардиши пулӣ ва қарз Хидиралиев Р.З., раиси ҷаласа мудири кафедраи молия н.и.и., дотсент Алишоев Х.Ҳ. ба диссертатсия хулосаи мусбат дода, дар ҷаласаи якҷояи кафедраи молия, менеҷменети молиявӣ ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 20-уми ноябри соли 2024 бо протоколи ғайринавбатии №4/А имзо гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода Убайдулло Саттор аз 22 – юми ноябри соли 2024 тасдиқ карда шудааст.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, диссертатсияи Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи **“Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”** кори илмию таҳқиқотии мустақил ва ба анҷомрасида дониста шуд, ки ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва довталаби дараҷаи илмӣ Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович 29 адад интишороти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, аз ҷумла 5 адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад.

## МУҲИМТАРИН ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1 - М] Исматов А.Ф., Нақши воридоти андозҳо дар ғани гардонидани буҷети давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 4. – С. 162-169. – ISSN: 2413-5151.

[2 - М] Исматов А.Ф. Вусъатдиҳии рақамикунонии андоз дар самти рушди маъмурикунонии андоз // Шамсов И.С., Исматов А.Ф. // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – № 1(30). – С. 91-97. – ISSN: 2663-0389.

[3 - М] Исматов А.Ф. Усулҳои ташаккули маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ // Шамсов И.С., Исматов А.Ф.// Идоракунии давлатӣ. 2023. № 2(61). – С. 17-24. – ISSN: 2664-0651.

[4 - М] Исматов А.Ф Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 10-1. – С. 103-112. – ISSN: 2413-5151.
[5 - М] Исматов, А. Ф. Асосҳои институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз дар шароити муосир / А. Ф. Исматов // Идоракунии давлатӣ. – 2024. –№ 1(66). – С. 110-119. – ISSN: 2664-0651.

**Мақолаҳо дар конфронсҳо (байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ):**

[6- М] Исматов А.Ф. Баъзе аз муаммоҳои андозбандии андоз аз арзиши иловашуда // Қурбонова М.С./ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир» ш.Душанбе, 25-уми октябри соли 2016. – С. 113 – 118.
[7 - М] Исматов А.Ф. Пардохти андоз – асоси рушди тараққиёти давлат// Қурбонова М.С./ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир» ш.Душанбе, 25-уми октябри соли 2016 – С. 118 – 120.
[8 - М] Исматов А.Ф. Андозбандии минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи муосир» ш.Душанбе, 25-уми октябри соли 2016. – С. 121 – 124.
[9 - М] Исматов А.Ф. Тавсифи низоми махсуси андозбандӣ дар низоми амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масоили баҳисобгирӣ, таҳлил, аудит, омор, кибернетикаи иқтисодӣ дар шароти рушди инноватсионии иқтисодӣ» (ш.Душанбе, 05,06-уми майи соли 2017). – С. 79-83.
[10 - М] Исматов А.Ф. Нақши воридотҳои андозӣ ва амалинамоии механизми он дар низоми буҷетӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Механизмҳои истифодаи фишангҳои иқтисодию молиявии таъмини амнияти иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ш.Душанбе, 07-уми ноябри соли 2018. – С.53-55.
[11 - М] Исматов А.Ф. Сиёсати мақсадноки андоз ва самтҳои ҷараёнҳои идоракунии он. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Баъзе муаммоҳои моделсозӣ дар илмҳои иқтисодӣ ва табиӣ» ш.Душанбе, 25-уми майи соли 2018. – С. 92-97.
[12 - М] Исматов А.Ф. Мукаммалгардонии низоми андоз дар таъмини буҷети давлатӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Танзими андозию буҷетии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» ш.Душанбе, 11-уми майи соли 2019. – С. 113-118.
[13 - М] Исматов А.Ф. Нақши воридотҳои андоз аз арзиши иловашуда дар таъмини буҷети давлатӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи

«Танзими андозию буҷетии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» ш.Душанбе, 11-уми майи соли 2019, қисми – 2 – С. 118 – 122.
[14 - М] Исматов А.Ф. Маъмурикунонии андоз яке аз самтҳои афзалиятноки идоракунии андоз// Давлатов Д.С., Исматов А.Ф./ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Танзими андозию буҷетии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» ш.Душанбе, 11-уми майи соли 2019. – С. 108-113.
[15 - М] Исматов А.Ф. Қоидаҳои истифодаи Патент дар фаъолияти соҳиброни инфиродӣ. Маводи семинари илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои такмилдиҳии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» 05 – майи соли 2020. – С. 101 – 107.
[16 - М] Исматов А. Ташкил ва самтҳои амалинамоии назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи семинари илмию амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои такмилдиҳии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» 05 – майи соли 2020. – С. 163-169.
[17 - М] Исматов А.Ф. Таҳлили назариявии андозбандӣ, системаи андоз ва механизми андоз. Маводи конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзуи «Масоили саноатикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 25-уми феврали соли 2021) –. С. 231-236.
[18 - М] Исматов А.Ф. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар халли масъалаҳои рақамикунонии мақомоти андоз/ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» Душанбе, 25-уми феврали соли 2022 – С. 156-159.
[19 - М] Исматов А.Ф. Ташкил ва самтҳои амалинамоии назорати андоз дар ҶТ/ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ заминаи асосии рушди иқтисодиёти миллӣ» Колеҷи техникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ. Душанбе - 27 апрели соли 2022. – С.144-148.
[20 - М] Исматов А.Ф. Танзими механизми андозии иқтисоди миллӣ (дар мисоли шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ш.Ваҳдат)// Давлатов Д.С., Исматов А.Ф./ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» Душанбе, 25-уми ноябри соли 2022. – С.248-253.
[21 - М] Исматов А.Ф. Афзалиятҳои истифодабарии имтиёзҳои андозӣ дар раванди саноатикунонии кишвар/ Маводи конференсияи апрелии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 – юми апрели соли 2022. – С.116-122.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Миразизов Абдулло Ҳабибович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон ва Россия, бо чунин эрод: қайд намудаанд, ки паҳлуҳои навоваронаи мавзуи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ буда, барои хубтар дарк намудани он бисёр хуб мешуд, дар оянда методикаи таҳлилро зиёд намояд, зеро ба манфиати кор аст.

2. **Қодирзода Хуршед Қодир** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара, бо чунин эрод: дар автореферат (саҳ.20) сатҳи рушди маъмурикунонии андоз ба ҳолати имрӯзаи рақамикунонӣ муқоиса гардидааст, ки маъмурикунонии андоз шаффофияти фаъолияти мақомоти андозро мехоҳад.

**3. Бобоев Нозимҷон Мансурович** – н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва андози МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", бо чунин эродҳо: муаллиф дар таҳқиқоти худ воситаҳои муайяни механизми маъмурикунонии андозро тавсиф намудааст, аммо барои содатар ва равшантар возеҳ гардидани самаранокии маъмурикунонии андоз усулҳои мушаххас нишон дода нашудааст; мавзуи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ мебошад, беҳтар мешуд, паҳлуҳои методии кор дар таҳқиқотҳои оянда васеъ карда шавад.

4. **Ҳамидова Садафмоҳ Ҳалимовна –** доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), муаллими калони кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, бо чунин эродҳо: агар муаллиф ҷадвали сохтори омилҳое, ки барои муайян намудани таъсири ин омилҳо маъмурикунонии рақамии андозро таҳия менамуд, ба манфиати кор буд; муаллиф бояд таҳлили муқоисавии самаранокии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз онро мегузаронид, хуб мешуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои маъмурикунонии андозбандӣ ва идоракунии низоми андоз дар соҳаи мазкур, ки қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст.

**Интихоби муассисаи тақриздиҳанда** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд, ки** маъмурикунонии андоз аз ҷанбаҳои илмию назариявии таҳқиқот иборат буда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили пайдарҳамии мантиқии диссертатсия аз ҷумла таърифи муаллифии «маъмурикунонии андоз», шаклҳои идоракунии механизми маъмурикунонии андоз, таҳияи модели рушди маъмурикунонии андоз дар асоси арзёбии таҷрибаҳои хориҷӣ, тартиби инъикоси амалиётҳо оид ба ҳалли мушкилотҳо дар соҳаи андоз, модели вобастагии нишондиҳандаҳои омилӣ, баҳогузории нишондиҳандаҳо ва тавсияю пешниҳодҳои оид ба беҳтар намудани низоми маъмурикунонии андоз кор карда баромада шудааст.

**- пешниҳод карда шудааст,** ки саҳми шахсии муаллиф оид ба мафҳуми маъмурикунонии андоз – ин маҷмӯи тадбирҳои интитутсиолии ҷараёни идоракунии андоз буда, таъмини риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ва такмили низоми қонунгузории андозро, ки шаффофияти рақамикунонии воридоти андозҳоро баҳри нигоҳ доштани тавозуни молияи давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъмин менамояд.

**- фарзияи илмӣ** ҳангоми такмил додани низоми маъмурикунонии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, беҳтар гардонидани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ба муқаррароте асос ёфтааст, ки шаффофияти воридоти андозҳо, таъмини усулҳои муосири назорати андоз, коҳишёбии қонунвайронкунии андоз тавассути ба роҳ мондани модулҳои нави хизматрасониҳои электронӣ, афзудани ҳамкориҳои нави иттилоотӣ бо мақомоти андозро муайян менамояд.

**- ҷорӣ намудани** таҷрибаҳо ва истифодаи усулҳои махсус дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, мафҳуми маъмурикунонии андоз ва коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот доир ба масъалаҳои такмили маъмурикунонии андоз бо истифода аз маълумотҳои аҳамияти илмию амалӣ доштаи соҳавӣ асоснок карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ба инҳо асоснок гардидаанд:**

**- исбот гардидани таҳқиқоти** гузаронидаи довталаби дараҷаи илмӣ оид ба такмил додани низоми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт баҳри беҳтар гардонидани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ва фароҳам овардани инфрасохтори он равона гардида, шаффофияти воридоти андозҳо, таъмини усулҳои муосири назорати андоз, коҳишёбии қонунвайронкунии андоз тавассути ба роҳ мондани модулҳои нави хизматрасониҳои электронӣ, афзудани ҳамкориҳои нави иттилоотӣ бо мақомоти андозро таъмин менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳияи методии ҷанбаҳои илмии таҳқиқот аз услуби илмии диалектикии идрок иборат буда, имкониятҳои васеъи омӯзиши масъалаҳои таҳқиқшаванда, вобастагӣ, робитаи мутақобила ва мавҷуд будани падидаҳои дар рушдбударо таъмин менамояд. Дар кори таҳқиқот бо ёрии методҳо ва равишҳои илмӣ, як қатор муносибатҳо ба предмети таҳқиқот, аз ҷумла: навгонии илмӣ, таҳлилу хулосанамоӣ, эконометрика, тасвирҳои графикӣ, муқоисанамоӣ ва амсоли инҳо муайян карда шудааст.

- **баён шудани** аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз омӯзишу таҳлили асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллиф иборат буда, натиҷаҳои асоснокгардидаи маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт имконияти шафофияти воридоти андозҳо, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ва таъмин гардидани усулҳои муосири назорати андозро муайян менамояд. Натиҷаҳои бадастомада, дар хусуси мавзуи мазкур, минбаъд механизми самараноки маъмурикунонии андоз ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои электронии андозсупорандагонро такмил медиҳанд.

- **ошкор карда шудааст**, ки дар асоси омӯзиш ва таҳлили пайдарҳамии мантиқии диссертатсия ҷанбаҳои назариявию институтсионалии маъмурикунонии андоз, идоракунии механизми маъмурикунонии андоз, таҳияи модели рушди маъмурикунонии андоз дар асоси арзёбии таҷрибаҳои хориҷӣ ва ҳалли мушкилотҳои низоми маъмурикунонии андоз, ки ба сатҳи рушди маъмурикунонии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таъсир мерасонад, кор карда баромада шудааст.

- **вобаста ба мавзуи таҳқиқот** натиҷаҳои бадастомада бо гузаронидани таҷрибаҳо ва истифодаи усулҳои махсус дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот доир ба масъалаҳои такмили маъмурикунонии андоз бо истифода аз маълумотҳои аҳаммияти илмию амалӣ доштаи соҳавӣ омӯхта шудаанд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

- **коркард ва ҷорӣ гардидани** натиҷаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертасионӣ дар конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ва семинарҳои илмию амалӣ муайян гардидаанд. Инчунин мақолаҳои илмии довталаб дар паёмҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2023, вобаста ба самти кори илмӣ рӯйи чоп омадаанд.

- **татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти** анҷомшуда аз ҷониби довталаб дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои

«Андоз ва андозбандӣ», «Назария ва таърихи андоз», «Менеҷмент ва маъмурикунонии андоз», «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Назорати андоз» (маълумотномаи № 441/11 аз 20.11.2023 сол) ва дар амалияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 20222/11.1 аз 24.11.2023 сол) тавсия карда шудааст.

- **таҳияи таҳқиқоти ба анҷомрасидаи довталаб** бо мақсади таҳлили барномаҳои қабулкулгардида оид ба коҳиш додани шаклу усуҳои анъанавии идоракунии андоз ва дар ин замина фароҳам овардани хизматрасониҳои электрониро ба андозсупорандагон истифода бурдан мумкин аст.

- **муаррифӣ гардидани** натиҷаҳои бадастомада, дар хусуси мавзуи мазкур, минбаъд механизми самараноки маъмурикунонии андоз ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои электронии андозсупорандагонро такмил медиҳанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои *таҳқиқот нишон доданд, ки:***

- **таҳқиқи назариявӣ** дар асоси таҳияи ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи илмӣ, муқаррароти назариявии асоснокнамудаи олимони соҳаи иқтисоду молия, санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар самти мукаммагардонии низоми идоракунии андоз, стратегияҳо ва барномаҳои такмилдиҳии маъмурикунонии андоз, банақшагирӣ, танзим ва дурнамои воридотҳои андозӣ гузаронида шудааст.

- **ғояи таҳқиқоти илмӣ** аз дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, татбиқи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003 таҳти № 1174, Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва барномаҳои рушди маъмурикунии андоз барои давраҳои миёнамуҳлат, маводҳои конференсияҳои сатҳҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, асоснок шудааст.

- **саҳеҳият ва навгониҳои** дар таҳқиқот овардашуда, аз асосноккунии муқаррароти назариявӣ-методӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили маъмурикунонии андоз ҳамчун воситаи таъмини шаффофияти воридоти андоз ба буҷети давлатӣ, беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои электронӣ ва баланд гардидани эътимоднокии андозсупорандагон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти кишвар иборат мебошад, муайян гардидааст.

- **усулҳои муосири натиҷаҳои таҳқиқот** оид ба такмили маъмурикунонии андоз ва рушди низоми андозбандии кишвар бо мақсади таъмини шаффофияти воридоти андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, коркарди механизм, истифодаи моделҳо ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмилдиҳии маъмурикунонии андоз, шаффофияти таъмин гардидани воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт иборат мебошад.

- муаллиф зарурияти ташаккул ва рушди маъмурикунонии андози кишварро ба таври назариявӣ ва амалӣ ҳангоми барномаҳои таълимӣ дар раванди дарсҳо ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон асоснок намудааст.

- натиҷаҳои муҳимми хусусияти навгонӣ дошта ва нуктаҳои муҳимми диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ва семинарҳои илмию амалӣ ба таври мушаххас дар маҷалаҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2024 рӯйи чоп омадаанд.

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 29 таълифоти илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 15,7 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ба нашр расидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 аз санаи 14.12.2024 қарори сазовор донистани Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ – 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз – 15 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд – 15 нафар овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**узви вобастаи АМИТ, доктори**
**илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**14.12.2024с**